# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович дар мавзӯи “Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ).

**Мубрамият, ҳадафмандӣ ва афзалиятнокии таҳқиқот.** Имрӯз ҳадафҳои стратегии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бунёди шароити мусоид барои ташаккули шахсияти закию доно, рақобатпазир ва эҷодкор дар бар мегирад. Дар чунин шароит таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамчун воситаи ташаккули шахсияти муҳасилин баррасӣ мегардад ва ин гуна масъалагузорӣ тағйири тамоми низоми тарбия ва таҳсилоти шахсияти шогирдро талаб менамояд.

Диссертатсияи Назирқулов Т.А. ба тахқиқи масъалаи хело ҳам мубрам, яъне технологияи муосири ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бахшида шудааст. Тағйироти куллии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии солҳои охир дар ҷомеаи мо бисёр мушкилотҳоро ба вуҷуд овардааст, ки моро водор месозад, ки онро аз нигоҳи нав дида бароем. Ин ба таври пурра, ҳам ба муаяйнсозии мафҳуми таълим, функсияҳои он, нақш ва ҷой дар сохтори муосири иҷтимоӣ ва раванди ҷамъиятӣ, инчунин ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ, тааллуқ дорад.

Фарҳанги педагогӣ дар фаъолияти касбӣ ба омили асосӣ ва аз ҷиҳати касбӣ аҳамиятнок мубаддал гардидааст ва унсури муҳимми омодасозии касбии мутахассиси ояндаи забони англисӣ ва шарти зарурии тарбияи ҳаматарафа ва рушди касбию шахсияти ӯ махсуб меёбад, ки дар фарогирии салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ зоҳир мегардад.

Мубрамияти мавзӯи диссертатсионии Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ҳамчун заминаи назариявӣ ва амалии ташхиси педагогии симои зеҳнӣ ва иҷтимоии донишҷӯро муайян сохта, шаклҳои самарабахши корро доир ба ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии донишҷӯёни забони англисӣ ва ягонагии ташаккули маърифати онҳоро таъмин месозад.

**Мақсади таҳқиқотро** ошкор намудани асосҳои назариявӣ-методологии раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ ва коркарди технологияи педагогии ташаккули он дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ташкил медиҳад.

Бо назардошти максад, объект, предмет ва фарзияи илмии пешниҳодшуда **вазифаҳои зерини таҳқиқот** муайян карда шуданд:

1. Муайян намудани баррасии проблемаи салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ дар адабиёти педагогию психологии муосир.

2. Таҳлили мазмун ва таркиби мафҳуми «салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ» ва муайян намудани ҷойгоҳи он дар низоми омодасозии касбию ахлоқии омӯзгориояндаи забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, инчунин имконияҳои ташаккули он.

3. Дар амал санҷидани раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгориояндаи забони англисӣ дар таълими фанҳои тахассусии муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ.

4. Муайян намудани нақшу ҷойгоҳи салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ дар заминаи фанҳои тахассусӣ.

5. Мақоми курси ҳамгирои «Забони муосири англисӣ ва муоширати ахлоқӣ-фарҳангии омӯзгори оянда» дар ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ.

6. Коркарди тавсияҳои методӣ оид ба ташкили ҳамкории фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгор ва донишҷӯён дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ.

**Навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин ифода ёфт:

1. Моҳият ва сохтори ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ошкор карда шуд.

2.Имкониятҳои ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар раванди омӯзиши фанҳои тахассусӣ муайян карда шуданд.

3. Роҳу усулҳои ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар раванди омодасозии касбии онҳо дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ коркард шуд.

4. Вазифаҳои асосии салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқӣ ҳангоми ташкили навъҳои гуногуни фаъолияти омӯзишии донишҷӯён ва омӯзгор дар раванди таълими силсилаи фанҳои марбут ба забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ мушаххас ва дақиқ карда шуданд.

**Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқотро** ҷамъбасти донишҳои фалсафию педагогӣ доир ба салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгориояндаи забони англисӣ, ки тасаввуротҳои илмиро вобаста ба падидаи мазкури иҷтимоӣ-фарҳангӣ васеъ мегардонад; - асоснок кардани таъсири маҷмӯи имкониятҳои муайяншуда ба самарабахшии раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгориояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ, ки ба рушди назария ва амалияи омодасозии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ мусоидат мекунад; - коркард ва асоснок кардани технологияи педагогии ташаккули салоҳияти

фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ ва бо далелҳои муътамад илмӣ асоснок намудани болоравии динамикаи ташаккулёбии падидаи мазкур, ҳамчунин ҳангоми истифодаи натиҷаҳои ташхис дар асоси меъёрҳои когнитивӣ ва рефлексивӣ аз сатҳи пасту миёна ба сатҳи баланд баровардани раванди омодасозии касбию педагогии мутахассисони оянда дар бар мегирад.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботи низомнома оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ.**

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, 2 боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола аз 177 саҳифаи матни компютерӣ иборат аст, ки 2 диаграмма ва 5 ҷадвалро дар бар мегирад.

Дар муқаддима перомуни мақсаду вазифаҳои кор ва методҳои таҳқиқотӣ сухан рафта, унвонҷӯ аппарати илмии рисоларо возеҳу равшан баррасӣ намудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «**Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ**» проблемаи асосҳои назариявии ташаккули салоҳиятҳои фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорон дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ва имкониятҳои ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони оянда забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ ҳаллу фасл гардидаанд.

Ба андешаи муаллифи рисола, мафҳуми «фарҳанги ахлоқӣ» ҳамчун инсонгароии тамоюлоти арзишӣ, талаботи маънавӣ ва сабабҳои рафтори шахс маънидод карда мешавад. Фарҳанги ахлоқии шахс тарзи зиндагӣ ва тасаввурот дар бораи арзишҳоеро инъикос мекунад, ки онҳо ба шуури ахлоқӣ, меъёрҳо, принсипҳо, идеалҳо, мафумҳои некию бадӣ, адолат, хушбахтӣ тааллуқ доранд. Фарҳанги тафаккури ахлоқӣ, ки дар худ салоҳияти мулоҳизаи ахлоқӣ, истифодаи донишҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ, фарқ кардани мафҳумҳои некию бадӣ, ҳамоҳангӣ ва зебоӣ ва ба кор бурдани меъёрҳои ахлокиро дар амал фаро мегирад.

Дар боби дуюми диссертатсия "**Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ**" таҳлили масъалаҳои технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони оянда забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ, ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгори забони англисӣ дар фаъолияти амалӣ муассисаҳои таълимӣ, раванди озмоишӣ-таҷрибавии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони оянда забони англисӣ дар таълими фанҳои тахассусӣ ва натиҷагирӣ аз он баррасӣ гардидааст.

Ба андешаи муаллифи рисола, технологияи ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлокии омӯзгори ояндаи забони англисӣ, мисли дигар усулҳои педагогӣ, дар раванди таълими муассисаи таҳсилоти олӣ соҳаи

муайяни фаъолияти омӯзгориро фаро мегирад ва ба андешаи мо, имкон дорад, ки ҳамчун як қисми таркибӣ ва фаъолият доир ба амалисозии раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ дохил шавад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилу таҳқиқи технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии донишҷӯёни забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ унвонҷӯ ба хулосаву тавсияҳои методии мувофиқ омадааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро** инҳо таъмин менамоянд: истифодаи пойгоҳи методологӣ ва назариявии таҳқиқот; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои таҳқиқот созгоранд; таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қавоиде, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи таҳқиқот ба миён гузошта шудаанд; тафтиши маводҳои диссертатсия дар низоми таҳсилоти олии омӯзгорӣ; муътамад будани натиҷаҳои бадастовардашуда; таҷрибаи амалии фаъолияти касбии педагогии муаллифи диссертатсия. Натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд.

Мазмун ва мӯҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо чопшуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пеш истодаи муаллиф мувофиқат мекунанд.

**Эродҳо дар маҷмӯъ оид ба рисолаи таҳқиқотӣ.**

Қайд кардан ба маврид аст, ки гарчанде муҳаққиқи рисола маводи зиёдеро чӣ тавассути адабиёти илмӣ ва чӣ тавассути интернет омӯхта, дар рисолаи мазкур овардааст, рисола дар баробари муваффақиятҳо албатта аз камбудиҳо орӣ нест, ба мисли:

1. Мувофиқи мақсад мебуд, агар диссертант натиҷаҳои таълими озмоишӣ ва фарқияти онҳоро то баргузории озмоиш ва баъди он нишон медод.

2. Дар матни диссертатсия номҳои олимони тоҷик доир ба мавзӯи баррасишаванда нишон дода шудааст, вале дар рӯйхати адабиёти истифодашуда ном ва асарҳои ин олимон қайд нагардидаанд.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ мавҷуданд.

Умед аст, ки унвонҷӯ дар атрофи эродҳои зикрёфта фикру андеша карда, онҳоро то қадри имкон ислоҳ мекунад.

**Мутобиқати мукаммалии таълифот, истифодаи натиҷаҳои бадастомада.**

Мутобиқати мукаммалии таълифот дар 12 мақола инъикос ёфта, аз ҷумла 7 мақола, ки ба мавзӯи рисолаи илмӣ рабт дорад, дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои асосии ба дастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну мухтавои рисоларо пурра инъикос мекунанд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба роҳҳои самараноки татбиқи технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

**Хулоса**

Вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 7, 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти рақами № 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он **Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мутахассис оид ба худбаҳодиҳии
сифати таҳсилоти департаменти
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Раҳмонов
Ғаниҷон Раҳмонович

Робита барои тамос:
734061,ҶТ, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ - 1/2
Тел.: +992 (372) 34 85 46; +992 (372) 346 372
Э-почта: tguk@mail.ru

Имзои дотсент Ғ.Р. Раҳмоновро
тасдиқ менамоям.Сардори
Раёсати кадрҳои ДДТТ М.Назирӣ

25.08.2020